**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 171/2с

аз «18» 11 соли 2024

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №228 «Дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ» аз 29 сентябри соли 2017, №130 ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар зербанди а) банди 6, зербанди а) ва б) банди 12 ва банди 13 лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба амалиёти мубодилавӣ ва пешниҳоди маълумот пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, ҷиҳати дуруст ҳисоб кардани қурби расмӣ ва эълон кардани маълумот оид ба он мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.